## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Эшонқулова Муслима Бахтиёровна дар мавзуи «Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ -таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Рисолаи илмии М.Б. Эшонқулова ба мавзӯъҳои мубрами на танҳо забоншиносии типологӣ, балки ба забоншиносии тоҷик низ бахшида шудааст. Масъалаи категорияи тарз то ҳол дар забони тоҷикӣ мавриди омӯзиши махсус қарор нагирифтааст. Дар омӯзиши муқоисавии масъалаи мазкур дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, метавон рисолаи диссертатсионии А.Ю. Тошев дар мавзӯи "Таҳлили муқоисавӣ – типологии категорияи тарзи мафъул дар забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ"-ро қайд намуд. Бо вуҷуди ин, дар рисолаи А.Ю. Тошев баъзе ҷанбаҳои категорияи тарз ба таври кофӣ омӯхта нашудааст ва ё аз мадди назар дур мондааст. Гузашта аз ин, дар рисолаи мазкур ба масъалаи назариявии категорияи мазкур диққати хеле кам дода шудааст. Инчунин, ин масъала дар забони тоҷикӣ ба таври кофӣ ҳалли худро наёфтааст ва шаклҳои ғайритасрифии категорияи мазкур дар забонҳои муқоисашаванда дуруст мариди омӯзиш ва таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Мутаносибан, мавзуи диссертатсияи Эшонқулова Муслима Бахтиёровна дар ҳақиқат муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ, мубрам ба ҳисоб меравад.

Кори диссертатсиони Эшонқулова Муслима Бахтиёровна аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, бобҳои он дар навбати худ ба зербобҳо ҷудо мешаванд.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаҳои омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзӯи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Боби аввали диссертатсия – "Ҷанбаҳои назариявии категорияи тарзи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" аз се фасл иборат буда, дар он ақоиди забоншиносон роҷеъ ба категорияи тарз оварда шудаанд.

Фасли якуми боби мазкур ба омӯзиши моҳияти категорияи тарзи феъл бахшида шуда, "Роҷеъ ба моҳияти категорияи тарзи феълӣ ва намудҳои он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" ном гирифтааст. Дар ин фасл категорияи тарзи феъл чун яке аз мушкилтарин муаммоҳои сохти грамматикии забонҳои хиндуаврупоӣ қаламдод шудааст.

Дар фасли дуюми боби мазкур масъалаи алоқаи категорияи тарз бо хусусиятҳои луғавӣ-наҳвии феълҳо дар забонҳои муқоисашаванда таҳлилу баррасӣ гаштааст. Қайд гардидааст, ки дар дарккунӣ ва тафсири

категорияи луғавӣ-наҳвии феълҳои гузаранда-монда дар адабиёти забоншиносӣ ягонагии афкор вуҷуд надорад.

Фасли сеюм – “Алоқаи категорияи тарз бо валентнокии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” ном гирифтааст. Таҳти мафҳуми “валетнокии феъл” қобилияти (қувваи) ба алоқаи наҳвӣ даромадани калима бо дигар ҷузъҳои таркиби ибора дар назар дошта мешавад.

Боби дуюми диссертатсия “Баррасии категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” ном дорад.

Дар фасли якуми боби мазкур сухан дар бораи маъно ва вазифаи шаклҳои тарзи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ рафта, ду навъи мафъул: статикӣ ва динамикӣ нишон дода шудааст.

Фасли дуюм ба омӯзиши шаклҳои замонию намудии тарзи мафъул дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Зикр гаштааст, ки миқдори шаклҳои замонӣ-намудии шакли мафъул дар забони англисӣ дар сиғаи хабарӣ 10 ададро ташкил медиҳад, вале дар забони тоҷикӣ ин гуна шаклҳо 8-то мебошанд. Миқдори ҷузъҳои маънодори ин шаклҳо то панҷ воҳидро ташкил дода метавонанд.

Дар фасли сеюми боби мавриди зикр роҷеъ ба вазифаи коммуникативии шаклҳои мафъули феъл дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ маълумот дода шудааст. Дар забони англисӣ, ки дар он тартиби калима дар ҷумла муайян аст вазифаи мазкур барои категорияи грамматикии тарз асосӣ мебошад.

Боби сеюм “Тазоди тарз дар низоми шаклҳои ғайритасрифии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” аз чор фасл иборат аст.

Дар фасли якум маълумоти умумӣ оид ба вербалияҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва масъалаи категорияи тарз дар онҳо дода шудааст.

Фасли дуюми боби мазкур ба категорияи тарзи масдар дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Дар он сохтори масдари мафъул дар забони англисӣ: “be + Participle II” ва сохтори масдари мафъули забони тоҷикӣ: сифати феълӣ “-а” + “шудан” таҳлил карда шудаанд.

Фасли сеюм ба омӯзиши категорияи тарзи герундий ва воситаҳои ифодаи он ба забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Оварда шудааст, ки асосан ба забони тоҷикӣ шакли фоили герундийи забони англисӣ бо ёрии масдари фоил ифода мегардад.

Дар фасли чоруми боби мавриди зикр категорияи тарз дар сифатҳои феълии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлил шуда, зикр гардидааст, ки дар забони англисӣ танҳо сифати феълии I дорои шакли мафъул мебошад. Дар забони тоҷикӣ бошад ин хусусият ба сифати феълӣ бо форманти “а”, ки се граммемаи категорияи тартиб доранд (навишта – навишта истода - менавишта) хос аст ва онҳоро сифати феълии қаблият, ҳамзамонӣ ва минбаъдият меноманд.

Хулоса ва натиҷагириҳои диссертант мушаххасан банд ба банд ҷамъбаст шудааст ва мазмуни ягонаи силсилавии корро инъикос мекунад. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда,

истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Ҳамин тариқ, диссертант кӯшидааст он мақсад ва вазифаҳое, ки дар пажуҳиши мавзуи мавриди назар гузоштааст, иҷро намояд ва муваффақ ҳам шудааст. Муаллиф дар равиши таҳқиқ бо тақвият аз назарияҳои илмӣ вобаста ба категорияи тарз дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ва радабандии мавзуӣ, баррасии шаклҳои категорияи мазкури забонҳои муқоисашаванда диққати калон додааст. М.Б. Эшонқулова дар омӯзиши шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ кашфиёти калон анҷом дода, ба хусусиятҳои изоморфӣ ва алломорфии он забонҳои муқоисашавандаро муайян намудааст.

Ҳамчун роҳбари илмӣ мехостам андар шахсияти муҳаққиқ чанд сухан гуфта бошам. Эшонқулова Муслима Бахтиёровна аз соли 2020 ба ҳайси омӯзгори фанни забони англисӣ дар факултети забонҳои хориҷии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” фаъолият бурда истодааст. Пас аз хатми донишгоҳ соли 2015 ба магистратура ва сипас соли 2019 ба докторатнура дохил шуда, бо тадқиқоти илмӣ машғул аст. Маҳз дар давраи таҳсил дар докторантура дар мавзӯи “Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” тадқиқоти хешро ба роҳ монда, ба таҳқиқи рисолаи номзадӣ машғул шуд.

Дар давраи фаъолияти тадқиқотӣ Эшонқулова Муслима Бахтиёровна беҳтарин қобилиятҳои тадқиқотчиро ба монанди бовиҷдонӣ, суботкорӣ, иродаи қавӣ, қобилияти баланди корӣ ва мустақилиятро зоҳир карда, худро ҳамчун муҳаққиқи мустақилу эҷодкор муаррифӣ намуд. Дар давраи омодасозии рисола аз тарафи Эшонқулова М.Б. 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаҳои илмии дар нашрияҳои бонуфузи тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Мақолаҳои илмии нашршудаи муаллиф мундариҷаи асосии рисолаи илмиро инъикос мекунанд.

Муҳаққиқ Эшонқулова М.Б. дар конфронсҳои илмиву ҳамоишҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ фаъолона ширкат варзида, бо маърӯзаҳои пурмӯҳтавои хеш баромад намудааст. Дар фаъолияти илмиву ҷамъиятии факултет ва донишгоҳ фаъолона ширкат меварзад.

Дар асоси гуфтаҳои дар боло зикр гардида, хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Эшонқулова Муслима Бахтиёровна дар мавзуи «Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида ба ҳисоб меравад ва ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 уми марти соли 2021 №3) ҷавобгӯ буда ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади

илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ -таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) арзанда аст ва барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ: номзади илми филология, дотсенти кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии факултети забонҳои хориҷии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Юсупова Манзураҷон Ибрагимҷоновна

«26» февраля 2025

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шаҳри Хуҷанд, кӯчаи А. Аминов ҳавлии 26
Телефон: (+992) 92-773-70-40
E:mail: yusupova_manzura@mail.ru

Имзои Юсупова М.И.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ-и
МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Сайдуллозода З.

Суроға: Индекс 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шаҳри Хуҷанд
гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1
Телефон: (+992) (3422) 6-52-73
E:mail: rector@hgu.tj

«27» февраля соли 2025